آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

17 июли соли 2021. Шанбе

№ 56 (14757)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

***Мо бояд Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, умуман тамоми қитъаи Авроосиёро ба соҳати муътадил, аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта ва шукуфон табдил диҳем.***

*Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат МИРЗИЁЕВ*

## Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ: АЗ УМУМИЯТИ ТАЪРИХИВУ ФАРҲАНГӢ БА ОЯНДАИ УМУМИИ ОСУДАҲОЛОНА







***Дар Тошканд 16 июл конфронси байналхалқии «Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ: иртиботи тарафайни минтақавӣ. Таҳдидҳо ва имкониятҳо» баргузор гардид.***

Дар кори конфронс, ки бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев ташкил гардид, Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон, вазирони корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ, ҳайати 44 кишвар ва тақрибан 30 созмони байналхалқӣ, роҳбарони марказҳои бонуфузи илмиву тадқиқотӣ ва таҳлилӣ иштирок мекунанд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо суханони табрикотӣ баромад карда, қаробати таърихии минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ, муҳимияти имрӯз мустаҳкам кардани он дар пояи эътимод ва ба инобат гирифтани манфиатҳои тарафайнро таъкид сохт.

Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ аз қадимулайём бо ҳам ҳамкорӣ доштанд. Аз тариқи Шоҳрохи абрешим ва Роҳи Ҳинду Ганг дониш ва дастовардҳои нави илмӣ, суннатҳои маънавиву маданӣ паҳн мешуданд. Халқҳои ҳар ду минтақа дар доираи давлатдориҳои умумӣ – шоҳигариҳои Бохтар ва Кӯшон, Хонигарии турк, давлатҳои Ғазнавиён, Темуриён ва Бобуриён қарор доштанд.

Мутаассифона, дар асри XIX ин иртиботи тарафайн халалдор гардид. Монеаҳои гуногун ба миён омаданд, ба ҷои даврони ҳамкорӣ замони зиддиятҳо ва нобоварӣ арзи ҳастӣ намуд.

Роҳбари давлати мо дар суханронии худ муҳимияти эҳё намудани робитаҳои таърихӣ ва муттаҳид кардани саъю кӯшишҳоро таъкид сохт.

– Алҳол ҷаҳон ба даврони табадулоти ҷаҳонии геосиёсӣ ворид шудааст, ки ҳам таҳдид ва ҳам имкониятҳои навро фароҳам меоварад.

(Давомаш дар саҳ.2).

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР КОНФРОНСИ БАЙНАЛХАЛҚИИ «ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ҶАНУБӢ: ИРТИБОТИ ТАРАФАЙНИ МИНТАҚАВӢ. ТАҲДИДҲО ВА ИМКОНИЯТҲО»

Муҳтарам сарони ҳайатҳо!
Хонумон ва ҷанобон!
Меҳмонони азиз!

Пеш аз ҳама тамоми иштирокдорони Конфронси байналхалқии «Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ: иртиботи тарафайни минтақавӣ. Таҳдидҳо ва имкониятҳо»-ро самимона муборакбод менамоям.

Ба Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид ҷаноби Антониу Гутерриш барои дастгирии анҷумани мо миннатдории махсус изҳор менамоям.

Аз дидори Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, волоҳазрат, ҷаноби Ашраф Ғанӣ ва Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон, волоҳазрат, ҷаноби Имрон Хон шодам ва эҳтироми амиқи худро изҳор мекунам.

Аз имконият истифода бурда, ба вазирони корҳои хориҷӣ ва намояндагони баланддараҷаи давлатҳои шарики асосии мо, роҳбарони созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ, идораҳои машҳури молиявии ҷаҳон, ки дар конфронс шахсан иштирок менамоянд, миннатдории худро баён месозам.

Иштироки шумо дар анҷуман, бо вуҷуди шароити мураккабе, ки ба пандемия вобаста мебошад, исботи равшани эътибори бузург ва иқдоми қатъӣ ба рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва минтақавӣ мебошад.

Ба Ӯзбекистони меҳмоннавоз ва офтобӣ хуш омадед!

Муҳтарам иштирокдорони конфронс!

Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ, ки дар чорроҳаи Шоҳроҳи бузурги абрешим қарор доранд, тӯли асрҳои зиёд ба рафтуои фаъоли байни халқҳо ва тамаддунҳо мусоидат кардаанд.

Ба шарофати ҳамкории қарини тарафайни ду минтақа дониш ва ғояҳои нави фалсафӣ, дастовардҳои тиббиву нуҷумшиносӣ, ҷуғрофиву риёзӣ, геодезӣ ва меъморӣ, санъати дипломатия ва идораи давлатӣ, суннатҳои олии фарҳангӣ ва маънавию ахлоқӣ доман густурдаанд.

Мардумони минтақаҳои мо чандин бор дар доираи давлатдориҳои умумӣ, ҳамчунин соҳати умумии сиёсӣ, иқтисодӣ ва инсонпарварӣ қарор доштанд.

Дар ин ҷо Тамаддуни харап, Шоҳигарии Юнону Бохтариён ва Кӯшониён, Хонигарии турк, Хуросон ва Мовароуннаҳр, давлатҳои Ғазнавиён, Темуриён, Бобуриён ва ғайра арзи вуҷуд кардаанд.

Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ ҳамеша бо шаҷараҳои муътамади тиҷоратӣ алоқаманд буданд, барои кишварҳои Шарқи Наздик, Аврупо ва Чин ба сифати пул хидмат мекарданд.

Аз ин хусус дар асарҳои муаррихи Юнони қадим Страбон сухан меравад, ки навиштааст: дар сар то сари рӯди Окс – Амударёи имрӯза «Аз тариқи баҳрҳои Хазар ва Сиёҳ ба Аврупо молҳо расонида мешуданд».

Ҳанӯз дар ҳазорсолаи сеюм-дувуми то давраи мо аз тариқи ағбаҳои Хайбар ва Болан шабакаи хатсайрҳои тиҷоратӣ мегузаштанд, ки моро ба ҳам мепайвастанд.

Дар соҳати Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ ба шарофати паҳн шудани динҳои ислом, буддизм ва индуизм, анъанаҳои нодири мардумӣ ҷамоати ба худ хоси этникӣ ба миён омад, гуногунрангӣ ва маданияти ғановатманди Шарқ ташаккул ёфт.

Робитаҳои қарини байни халқҳои мо ба рушди босуръати зеҳнӣ ва маънавӣ мусоидат карданд.

Ин вазъият ба олам олимон ва мутафаккирони бузург, аз қабили Чарак ва Сушрут, Брахмангупт ва Ал-Хоразмӣ, Ал-Фарғонӣ ва Фаробӣ, Берунӣ, Ибни Сино ва бисёр дигаронро бахшид.

Онҳо рушди илм ва афкори фалсафиро барои садсолаҳои минбаъда мушаххас карданд.

Дар тамоми ҷаҳон эҷодиёти классикони адабиётҳои миллии мо хуб маълуманд. Ин пеш аз ҳама Хусрави Деҳлавӣ, Алишери Навоӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Муҳаммад Ҳайдар, Махтумқулӣ, Мирзо Ғолиб, Абай, Робиндранат Тагор, Садриддин Айнӣ, Чингиз Айтматов мебошанд. Онҳо ба рушди ғояҳои сулҳ, озодӣ ва инсонпарварӣ, дӯстиву ҳусни тафоҳуми байни халқҳои гуногун саҳми бузург гузоштанд.

Асарҳои олимони бузург Абӯрайҳони Берунӣ ва Заҳириддин Муҳаммад Бобур оид ба таърих, илм ва фарҳанг дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ энсиклопедияи воқеӣ ба шумор мераванд.

Маълумоте, ки аввалин Сарвазири Ҳиндустон Ҷавоҳирлаъл Нерӯ дар бораи Бобур додааст, хеле машҳур мебошад, вай мегӯяд: «Бобур шахсияти самимӣ, шоҳи беҳтарини даврони Эҳё буд».

Аз ҷумла, Бобур дар асари пурмуҳтавои худ «Бобурнома» менависад, ки дар асри шонздаҳум байни Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ аз тариқи ҳудуди Афғонистон хатсайри мунтазами корвон амал мекард, ки ҳар сол аз тариқи ҳазорҳо корвони шутур борҳои мухталиф гузаронида мешуданд.

Мувофиқи фармони ӯ корвонсаройҳои мусоид ва дар роҳи савдо чоҳҳо бунёд ва кофта шуданд.

Набераи Бобур – Акбари Бузург кори ӯро идома дода, дар таърихи Ҳиндустон ба сифати ҳокими кушодадилу дурбин нақши муҳим гузоштааст.

Бояд қайд кард, ки робитаҳои тиҷоратии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ дар он давр ҳамчунин бо Эрон, Арабистон, Давлати Усмониҳо, Чин, Русия ва кишварҳои дигар ба роҳ монда шуда буд.

Бинобар маълумоти таърихӣ, ҳокими Ҳиндустон Аврангзеб соли 1695 ба тоҷири рус Семён Маленкий барои савдо дар кишвараш рухсат дода буд.

Он чиз шоистаи зикр аст, ки фармони мазкур ба забони ӯзбекии қадим навишта шудааст.

Мутаассифона, дар қарни дувоздаҳум бинобар вазъи таърихӣ робитаҳои тарафайни ду минтақаи ҳамҳудуд халалдор гардиданд.

Дар байни Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ монеаҳои мухталиф ба миён омаданд, сарҳадҳо баста шуданд, зиддиятҳо шиддат гирифтанд, ки аксар вақт боиси ҷанҷолҳо мегардиданд.

Ба ҷойи даврони ҳамкориву ҳамдигарфаҳмӣ замони зиддият ва нобоварӣ фаро расид.

Оқибати манфии онро мо то имрӯз эҳсос менамоем, то ҳол хатсайрҳои самарабахши наздисарҳадӣ вуҷуд надоранд, алоқаҳои тиҷоративу иқтисодӣ суст инкишоф меёбанд, ҳамчунин имконияти муносибатҳои маданиву башардӯстӣ пурра ба роҳ монда нашудаанд.

Муҳтарам хонумон ва ҷанобон!

Алҳол ҷаҳон ба даврони трансформатсияҳои бузурги геосиёсӣ ворид гардид, ки ҳам боиси таҳдидҳо ва ҳам сабаби имкониятҳои нав мешавад.

Дар чунин шароит ба роҳ мондани робитаҳои тарафайни Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ, ки ҳоли ҳозир дар онҳо тақрибан ду миллиард нафар одам зиста зиндагӣ мекунанд, беш аз пеш ҷараёни зарурӣ ва воқеӣ мегардад.

Фикр мекунам замоне расид, ки бо назардошти мероси бузурги таърихӣ, илмӣ, маънавиву фарҳангии халқҳои мо, сарпурсозии тарафайни иқтисодиёт, мавҷудияти иқтидорҳои зеҳнӣ бояд саъю кӯшишҳои муштараки мо муттаҳид карда шаванд, ки бидуни шубҳа, самараи хеле хуб хоҳад дод.

Мо дарк мекунем, ки робитаҳои тарафайн, ҳамкорӣ, мулоқот ва аз ҳама муҳимаш, эътимод барои таъмин кардани эътидол ва рушди устувор, баланд бардоштани сатҳи ҳаёт ва фаровонҳолии мардуми минтақаи мо нерӯи муҳаррик ба шумор меравад.

Ин муносибат тақозои замон аст.

Ҳамаи ин барои аз як ҷониб ташаккул додани ҳамкориҳои байниминтақавӣ ва шарикӣ дар соҳате, ки аз зиддиятҳо ва ҷунбишҳои иҷтимоиву иқтисодӣ озод бошад, аз ҷониби дигар ташкили бозори васеъ барои мол ва хидматҳо, сармоя ва инноватсияҳо имконияти зарурӣ фароҳам меоварад.

Мо бобати баргузор кардани конфронси мазкур бо ташаббус бархоста, ҷиҳатҳои зеринро дар назар доштем.

**Якум**, мустаҳкам кардани сулҳ ва дӯстӣ, эътимод ва ҳамсоягии нек, вусъат додани ҳамкориҳои муфиди тарафайни байни кишварҳои мо, ба роҳ мондани сиёсати ошкоро ва пурмуҳтавои ҷавобгӯйи манфиатҳои умумии тамоми давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ.

**Дуюм**, мо ҷонибдори ташаккул додани робитаҳои мустаҳками тиҷоративу иқтисодӣ ва нақлиётиву коммуникатсионӣ мебошем, ки бояд муҳаррики асосии рушди минбаъдаи кишварҳои мо ва тамоми минтақаи васеъ дар пешомади дарозмуҳлат бошанд.

Пандемия нишон дод, таҳдидҳои наверо, ки инсоният бо онҳо рӯ ба рӯ мегардад, бидуни ваҳдат ва муттаҳид намудани саъю кӯшишҳо бартараф кардан имконнопазир аст.

Мо дар таҳкими ҳамкориҳоямон аз тариқи иқтисодиёти рақамӣ, рушди савдои электронӣ ва ҷорӣ намудани навгониҳо талаботи воқеиро эҳсос менамоем.

**Сеюм**, яке аз ҳалқаҳои асосии робитаи амалии тарафайни Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба шумор меравад.

Мо муътақидем, ки шарикии байниминтақавиамон барои истиқрори сулҳу субот, эҳёи иқтисодиёт дар кишвари мазкур омили муҳим мегардад.

Ҳоли ҳозир Афғонистон дар таърихи навтарини худ лаҳзаи гардиши куллиро аз сар мегузаронад.

Мо бовар дорем, ки халқи дурандеши афғон баҳри муваффақ шудан ба ҳамдилии умумимиллӣ омодагии худро собит менамояд.

Дастгирии ҳамаҷонибаи ҷомеаи байналхалқӣ барои танзими сиёсии зиддият барои сулҳи деринтизор дар сарзамини Афғонистон аҳамияти пурмуҳтаво дорад.

Ин барои қаробати Афғонистон ба ҷараёнҳои умумминтақавӣ пешомадҳои навро боз мекунад.

(Давомаш дар саҳ.2).

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН РОҲБАРОНИ ҲАЙАТҲОИ ХОРИҶИРО ҚАБУЛ КАРД

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 16 июл бо вазирони корҳои хориҷии мамлакатҳо, намояндагони ҳукуматҳо ва созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ, ки дар Конфронси байналхалқии «Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ: иртиботи тарафайни минтақавӣ. Таҳдидҳо ва имкониятҳо» иштирок доранд, мулоқот кард.***

Дар мулоқот бо ноиб-президенти Комиссияи Аврупо, Вакили олии сиёсати корҳои хориҷӣ ва амнияти Иттиҳоди Аврупо Жозеп Боррел масъалаҳои рӯзмарраи ҳамкории бисёрҷанбаи Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо баррасӣ шуданд.

Ҷозеп Боррел ба сарвари давлати мо салом ва таманноҳои беҳтарини Раиси Шӯрои Аврупо Шарл Мишел ва роҳбари Комиссияи Аврупо Урсула фон дер Лейенро расонд. Вай аҳамият ва саривақтӣ будани ташаббуси ҷаҳонии пешвои Ӯзбекистонро оид ба рушди ҳамбастагии байни Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ таъкид кард.

Зимни мулоқот рушди босуръати шарикии Ӯзбекистон ва ИА, ки солҳои охир мушоҳида мешаванд, бо қаноатмандӣ қайд карда шуд. Аҳамияти тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои гуногунҷабҳа, пеш аз ҳама дар соҳаи андозагирии инсонӣ ва дигаргуниҳои демократӣ, пешбурди тиҷорат, сармоягузорӣ ва инноватсия, «рушди сабз», экология, мубодилаи фарҳангӣ ва дигар соҳаҳо таъкид карда шуд. Таъкид гардид, ки музокирот оид ба Созишномаи нав дар бораи шарикии васеъ ва ҳамкорӣ байни Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо дар арафаи анҷомёбист.

Оид ба рӯзномаи байналмилалӣ мубодилаи ҳамаҷонибаи афкор сурат гирифт. Диққати махсус ба масъалаҳои мусоидат ба танзими осоишта дар Афғонистон дода шуд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев вазири корҳои хориҷии Федератсияи Русия Сергей Лавровро қабул кард.

Масъалаҳои таҳкими минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои гуногунҷанба баррасӣ шуданд.

Вазири корҳои хориҷӣ ба сарвари давлати мо салом ва таманноҳои беҳтарини Президенти Федератсияи Русия Владимир Путинро расонд.

Ба омодагӣ ба ҳамоиши дарпешистода дар сатҳи олӣ, пеш бурдани барномаҳо ва лоиҳаҳои муштарак, пеш аз ҳама дар соҳаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

Рушди ҳамкории минтақавӣ дар заминаи шиддат гирифтани вазъ дар Афғонистон баррасӣ гардид.

Роҳбари давлатамон вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ҳиндустон Субраманям Ҷайшанкарро қабул кард.

Роҳбари давлати мо рушди мунтазами муносибатҳои шарикии стратегӣ ва ҳамкории гуногунҷабҳаи Ӯзбекистон ва Ҳиндустонро мувофиқи созишномаҳое, ки дар ҷараёни робитаҳои доимӣ дар сатҳи олӣ ба даст омадаанд, бо қаноатмандӣ қайд кард.

Вазир Ҷайшанкар салом ва таманноҳои Сарвазири Ҳиндустон Нарендра Модиро ба раҳбари Ӯзбекистон расонд.

Кӯшишҳои Ӯзбекистон оид ба пешбурди ҳамбастагии Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, инчунин лоиҳаҳои минтақавӣ, ки ба сулҳ дар Афғонистон ва баркарорсозии иқтисодии ин кишвар равона шудаанд, баҳои баланд гирифтанд.

Дар ҷараёни мулоқот аҳамияти пешбурди лоиҳаҳои дуҷониба дар соҳаҳои сармоягузорӣ, инноватсия, савдо, тиҷорат, логистика, технологияҳои иттилоотӣ, тандурустӣ ва дигар самтҳои афзалиятнок бо ҷалби фаъоли минтақаҳои ду кишвар таъкид гардид.

Ба идомаи муколамаи судманд дар формати «Ҳиндустон — Осиёи Марказӣ» таваҷҷӯҳ зоҳир карда шуд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев муовини Сарвазир — вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон Мухтор Тлеубердиро қабул кард.

Масъалаҳои мубрами минбаъдаи таҳкими муносибатҳои дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва шарикии стратегии Ӯзбекистон ва Қазоқистон баррасӣ шуданд.

Вазири корҳои хориҷӣ Мухтор Тлеубердӣ ба сарвари давлати мо саломи самимӣ ва таманноҳои беҳтарини Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Тоқаев ва Нахустин Президенти Қазоқистон Елбошӣ Нурсултон Назарбоевро расонд.

Ба омодагии чорабиниҳои дарпешистода дар сатҳи олӣ, инчунин пеш бурдани лоиҳаҳои кооператсияи иқтисодӣ ва барномаҳои ҳамкории мутақобилан судманди ду кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

Рӯзномаи минтақавӣ дар заминаи вазъи Афғонистон ва омодагӣ ба Мулоқоти навбатии машваратии раҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ дар Туркманистон аввали моҳи август баррасӣ шуд.

Президент Шавкат Мирзиёев муовини раиси Девони Вазирон, вазири корҳои хориҷии Туркманистон Рашид Мередовро қабул кард.

Алоҳида таъкид гардид, ки ба туфайли робитаҳои мунтазам дар сатҳи олӣ муносибатҳои гуногунҷабҳаи ҳамсоягии нек ва шарикии стратегӣ байни Ӯзбекистон ва Туркманистон тадриҷан мустаҳкам мешаванд.

(Давомаш дар саҳ.2).

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР КОНФРОНСИ БАЙНАЛХАЛҚИИ «ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ҶАНУБӢ: ИРТИБОТИ ТАРАФАЙНИ МИНТАҚАВӢ. ТАҲДИДҲО ВА ИМКОНИЯТҲО»

(Аввалаш дар саҳ.1).

**Чаҳорум**, шарти асосии рушди устувори минтақаи мо ва таҳкими шарикӣ ин амният ва эътидол ба шумор меравад.

**Амнияти мо ҷудонопазир аст ва онро метавон аз тариқи мулоқоти конструктивӣ ва саъю кӯшишҳои муштарак таъмин кард.**

Муҳтарам иштирокдорони анҷуман!

Бовар дорам, ки мулоқоти фаъол ва пурмуҳтавои байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ барои беш аз пеш татбиқ кардани имкониятҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва фарҳангиву мадании онҳо шароитҳо фароҳам меоварад.

Ба ин муносибат мехостам таклифҳои зеринро иброз намоям.

**Якум**. Ташаккул додани шароитҳои мусоид барои рушди робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармояҳои тарафайн вазифаи аввалиндараҷаи мо ба шумор меравад.

Коркард ва татбиқ намудани чораҳои муассир барои амали озоди сармояҳо, молҳо ва хидматҳо, ташаккул додани низоми пешқадами коммуникатсияҳои нақлиётӣ ва инфрасохтори энергетикӣ бахри ҳаллу фасли ин масъалаҳо метавонанд саҳми амалӣ гарданд.

Тавре ки гузаштагони мо бо баргузор кардани маҷлису қурултой, лояи ҷирга, васи мушоварат ва сабҳа амалӣ менамуданд, ҳар сол гузарондани анҷумани байниминтақавӣ барои ҳаллу фасли масъалаҳои рӯзмарраи вусъат додани ҳамкориҳои иқтисодӣ, амиқсозии кооператсия ва ҳамраъии тарафайни сармоявии кишварҳои моро пешниҳод мекунем.

Тавсия ва таклифҳоеро, ки дар доираи чунин мулоқот коркард мешаванд, метавон дар барнома ва лоиҳаҳои мушаххасе, ки ба таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, рушди иқтидор ва таъмин намудани афзоиши пойдори иқтисодиёти мо нигаронида шудаанд, кор карда баромад.

Ғайр аз ин, мо ҷонибдори ташаббуси омӯзиши муштараки коршиносии масъала дар бораи имзои муоҳидаи бисёрҷанба дар бораи ҳамкории иқтисодии кишварҳои минтақа мебошем.

**Дуюм**. Ташкил додани инфрасохтори замонавӣ, самарабахшӣ ва бехатарии инфрасохтори нақлиётиву логистикӣ дар Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ мебошад.

Роҳи оҳани Тирмиз – Мазори Шариф – Кобул – Пешовар, ки лоиҳаи сохтмони он аллакай, аз ҷумла, аз ҷониби идораҳои машҳури молиявии байналхалқӣ васеъ дастгирӣ мегардад, ҷиҳати асосии эъмори тамоми робитаҳои тарафайни минтақаҳои мо буда метавонад.

Сохтмони роҳи оҳани мазкур имкон медиҳад иқтидори транзитии ду минтақа пурра истифода шавад, хатсайри кӯтоҳтарин ташаккул ёбад, мӯҳлат ва боздошти боркашонии байни Осиёи Ҷанубӣ ва Аврупо аз тариқи Осиёи Марказӣ ва кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил хеле коҳиш ёбад.

Умуман ба роҳ мондани ин роҳи байнисарҳадии оҳан барои муваффақ шудан ба рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ платформаи пуриқтидорро фароҳам меоварад.

Вай ба таври худ талқини замонавии роҳи қадимии шимолии савдо мегардад, ки ҳамчун Уттарапахта машҳур буда, водии Ҳинду Гангро бо ҳудудҳои ҷанубии қитъаи Аврупо аз тариқи шаҳрҳои таърихии Таксила, Гандхара ва Тирмиз муттаҳид мекард.

Гузаргоҳи байналхалқии нақлиётии «Шимол – Ҷануб», ки аллакай Ҳиндустонро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ мепайвандад, намунаи бомуваффақият ба ҳаёт татбиқ сохтани чунин инфрасохтори нақлиётиву минтақавӣ ба шумор меравад.

Ғайр аз ин, лоиҳаи сохтмони Гузаргоҳи роҳи оҳани нақлиётии Афғонистон дар оянда метавонад кишварҳои моро бо Чин ва дигар давлатҳои пешқадами минтақаи Осиёву Укёнуси Ором муттаҳид намояд.

Ин ба ҳадафҳои ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» комилан мувофиқат мекунад.

**Сеюм**. Ҷорӣ кардани платформаи рақамӣ бояд муҳаррики ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ гардад.

Бояд бобати татбиқ сохтани робитаҳои тарафайни рақамӣ дар соҳаҳои тиҷорат, транзит ва убури сарҳадҳо чораҳои мушаххас коркард шаванд, Стратегияи муштараки амалиёт қабул гардад.

Ба кори мазкур бояд коршиносони номдори кишварҳои мо, ҳамчунин муассисаҳои тахассусии СММ ҷалб карда шаванд.

**Чаҳорум**. Ҷустуҷӯи муштараки роҳҳои таъмин сохтани амнияти хӯроквори дар минтақаи васеи мо мебошад.

Солҳои охир нархи наво барои маҳсулоти асосии хӯроквори бо суръати баланд зиёд мегардад, дар баъзе минтақаҳои ҷаҳон аҳолӣ аз норасоии ҷиддии озуқаворӣ азият мекашанд.

Мо пешниҳод мекунем, ки таҳти васояти Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ (ФАО) барои коркарди Барномаи паси сар сохтани таҳдидҳои мазкур воҳӯрии вазирони хоҷагии қишлоқи кишварҳои мо гузаронида шавад.

Ҳуҷҷати мазкур бояд баргузор кардани кашфиёт ва тадқиқоти муштарак, ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам, татбиқ сохтани лоиҳаи кооператсияҳои истеҳсолиро пешбинӣ намояд.

**Панҷум**. Муттаҳид намудани саъю кӯшишҳо дар мубориза бо таҳдид ва хуруҷҳои умумии эътидол ва амният.

Мо якҷо метавонем ба терроризм, экстремизм, ҷинояти трансмиллӣ, аз ҷумла бар муқобили киберсоҳат пурсамар мубориза барем.

Ба сифати иқдоми аввалин коркарди Дурнамои муштараки зидди нашъамандиро бо иштироки Идораи СММ оид ба нашъа ва ҷиноят пешниҳод менамоем.

Боз як самти муҳиме, ки бояд саъю кӯшишҳо муттаҳид карда шаванд, ба фикри мо мубориза ба муқобили таҳдиди терроризм мебошад.

Мо тайёрем бинобар ин масъала бо иштироки намояндагони ду минтақа мулоқоти махсуси коршиносонро ташкил намоем.

Ин мулоқотҳоро метавон дар ҳудуди Конфронси байналхалқии Тошканд, ки моҳи ноябри соли равон бахшида ба даҳсолагии қабул шудани Дурнамои муштараки амалиёт бинобар татбиқ намудани Стратегияи ҷаҳонии зидди террористии СММ дар Осиёи Марказӣ гузаронида мешавад, баргузор кард.

**Шашум**. Масъалаҳои экология ва рағбатноксозии рушди ҷараёни «сабз» эътибори ҷиддитаринро тақозо мекунанд.

Дар тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ дар партави тағйироти ҷаҳонии иқлим рушди тезутунди саноатӣ ва демографӣ ба амал меоянд.

Дар чунин шароит норасоии об, муфлисшавии ҳаво ва муҳити атроф, харобшавии хок ва биёбоншавӣ мушкилоти умумӣ ба шумор мераванд.

Мушкилоти хушкшавии Баҳри Арал, ки беш аз пеш ҷиҳати умумисайёравӣ касб менамояд, оқибати андӯҳовари таъсири бағоят манфии таҳдидҳои экологӣ маҳсуб меёбад.

Моро зарур аст, ки бобати нарм кардани ин оқибатҳо, ҳамчунин пешгирии чунин фоҷиаҳо дар оянда, бо такя ба таҷрибаи гузаштагон, ки саъй менамуданд бо табиат ҳамоҳанг бошанд, чораҳои зарурӣ андешем.

**Ҳафтум**. Мо ҷонибдори беш аз пеш кашф кардани иқтидори нодири сайёҳии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ мебошем.

Барои ин брендҳои сайёҳӣ, озуқаворӣ ва хатсайрҳои наву арзон заруранд, бахусус бо назардошти афзудани рағбат ба саёҳати динӣ, васеъ ҷорӣ намудани консепсияи «Сайёҳӣ дар шароитҳои нав», бо эътирофи тарафайни сертификатҳо оид ба ваксинатсия лозим мебошанд. Мо дар доираи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ коркарди Барномаро оид ба Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ, ки ба оммавӣ кардани мероси таърихӣ ва фарҳангии халқҳои мо нигаронида шудаанд, пешниҳод менамоем.

**Ҳаштум**. Вусъат додани мубодилаҳои илмӣ ва фарҳангиву башардӯстӣ аз шартҳои муҳими таҳкими дӯстӣ ва эътимод ба шумор меравад.

Вобаста ба ин дар Ўзбекистон – дар Тирмиз таҳти васояти ЮНЕСКО баргузор кардани анҷумани байналхалқии «Мероси таърихии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ»-ро пешниҳод менамоем.

Татбиқ намудани барномаҳои муштарак дар соҳаҳои таълим ва илм, фарҳанг ва варзиш бо ҷалби васеи ҷавононе, ки қисмати бештарини аҳолии давлатҳои моро ташкил медиҳанд, аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

**Ҳамаи мо хуб дарк менамоем, ки ҷавонон сарвати бебаҳои мо ба шумор мераванд.**

Тақдир ва ояндаи кишвару халқҳои мо аз чӣ гуна ба воя расидани насли ҷавон ва дар чӣ гуна шароит ва «лифти иҷтимоӣ» таълиму тарбия гирифтани онҳо вобаста аст.

Барои ҳамкории самарабахши тарафайн дар масъалаи ҷавонон таъсис додани Шӯрои доимоамалкунандаи ҷавонони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубиро пешниҳод менамоям.

**Нӯҳум**. Омили муҳими рушди ҳарчи бештари кишварҳои мо ин муваффақияти баланд дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсияҳо ба шумор меравад.

Бояд баргузор кардани тадқиқотҳои муштарак ва корҳои инноватсионӣ, ба роҳ мондани таҷрибаомӯзии илмиву таълимӣ, табодули таҷрибаи барномаҳо рағбатнок карда шаванд.

Вобаста ба ин, ҷорӣ намудани режими сабуки раводидро барои олимон ва муҳаққиқон, ҳамчунин таъсис додани онлайн-платформаи ҳамкории донишгоҳҳо ва марказҳои илмию тадқиқоти кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубиро пешниҳод менамоем.

**Даҳум**. Алҳол коркарди қарорҳои андешидашуда дар пояи омӯзиш ва таҳлили мунтазами анъанаҳои пешрафт ва робитаҳои тарафайни минтақаҳои мо беш аз пеш муҳим мебошад.

Дар арафаи анҷумани мо Пажӯҳишгоҳи байналмилалии Осиёи Марказӣ кушода шуд.

Пешниҳод мекунем, ки дар пойгоҳи ин маркази таҳлилӣ идораи мунтазам амалкунандаи коршиносӣ аз ҷумлаи олимон ва муҳаққиқони шинохтаи кишварҳои мо барои пешбурди ҳамкориҳои минтақавӣ таъсис дода шавад.

Ғайр аз ин, бинобар хулосаи конфронси имрӯза пешниҳод мекунам **лоиҳаи баённомаи махсус дар бораи таҳкими робитаҳои тарафайни Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ, умуман дар соҳати Авроосиё ҳамчун омили муҳими рушди муътадил ва устувор коркарда ва барои баррасӣ ба Ассамблеяи Генералии СММ** пешниҳод карда шавад.

Дар ҳуҷҷати мазкур бояд муносибатҳои умумӣ, равандҳои асосӣ ва самтҳои мулоқоти мо зикр гарданд.

Ҳамчунин дар лоиҳаи баённома тайёр будани мо ба баргузор намудани анҷуманҳои мунтазами дараҷаи олӣ бинобар робитаи тарафайни минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Муҳтарам иштирокдорони конфронс!

Дар бораи нақши кишвари мо дар ин ҷараёнҳо сухан ронда, мехостам ҷиҳатҳои зеринро махсус қайд намоям.

Анҷумани мо дар давраи муҳими таърихии истиқрор ва рушди Ўзбекистони нав баргузор мегардад.

Мо ислоҳоти демократиро дар тамоми ҳаёти ҷамъиятӣ мунтазам татбиқ менамоем.

Онҳо ҷиҳати васеъмиқёс ва бебозгашт доранд. Ин хоҳиши қатъии халқи мост.

Дастоварди бузурги сиёсати хориҷии Ўзбекистон тағйироти куллӣ дар рушди муносибатҳои ҳамсоягии нек дар Осиёи Марказӣ – бо Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон гардид.

Бо саъю кӯшишҳои умумӣ мо муваффақ шудем, ки дар минтақаи худ муҳити куллан нави эътимод ва дастгирии тарафайнро ташаккул диҳем.

Мо барои мулоқоти мунтазам ва якҷо муайян кардани «нуқтаҳои нав» ва муҳаррикҳои пешрафт масоҳати самарабахшро фароҳам овардем.

Ният дорем Мулоқоти навбатии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказиро ибтидои моҳи август дар Туркманистон баргузор намоем.

Махсус таъкид мекунам: **Ўзбекистон шарики муътамад, доимӣ ва боварибахш ба шумор меравад, ки ба рушди ҳамкории конструктивию барои тарафайни муфид саъй менамояд**.

Муҳтарам хонумон ва ҷанобон!

Меҳмонони азиз!

Умумияти таърихӣ ва фарҳангии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ, ки дар он манфиати кишварҳо ва халқҳои мо мувофиқат мекунанд, ин пойдевори мустаҳкамест, ки мо метавонем дар он ояндаи фаровони умумии худро бунёд намоем.

Замони идрок намудани он расид, ки бидуни таҳкими ҳамкорӣ, иртиботи самарабахши тарафайни минтақавӣ мо наметавонем таҳдидҳоеро, ки алҳол кишварҳоямон бо онҳо рӯ ба рӯ меоянд, паси сар намоем.

Моро зарур аст, пешомади дақиқи рушд ва шукуфоии пойдори муштараки худро кор карда бароем.

**Мо бояд Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, умуман тамоми қитъаи Авроосиёро ба соҳати муътадил, аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта ва шукуфон табдил диҳем.**

Ба тамоми иштирокдорони анҷуман кори сермаҳсулро орзу мекунам.

Барои эътиборатон ташаккур.

# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН РОҲБАРОНИ ҲАЙАТҲОИ ХОРИҶИРО ҚАБУЛ КАРД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Рашид Мередов саломи гарму ҷӯшон ва таманноҳои Президенти Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедовро ба сарвари давлати мо расонд. Ташаббусҳои пешвои Ўзбекистон оид ба рушди робитаҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ баҳои баланд гирифтанд.

Масъалаҳои густариши минбаъдаи ҳамкориҳои амалии ду кишвар баррасӣ шуданд. Аҳамияти баргузории ҷаласаи навбатии Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ қайд карда шуд.

Рафти омодагӣ ба Мулоқоти машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки 6 августи соли равон дар Минтақаи миллии туристии «Аваза» баргузор мегардад, муҳокима шуд.

Дар мавриди вазъи бамиёномадаи ғайриоддӣ дар Афғонистон мубодилаи афкор сурат гирифт.

Раҳбари давлатамон вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддинро пазируфт.

Ба натиҷаҳои пурсамари сафари таърихии сатҳи олӣ ба Тоҷикистон рӯзҳои 11-12 июни соли равон, ки ба таҳкими муносибатҳои дуҷонибаи дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва шарикии стратегӣ хидмат карда, онҳоро бо мундариҷаи мушаххас ғанӣ гардонд, баҳои баланд дода шуд.

Вазири корҳои хориҷӣ Сироҷиддин Муҳриддин саломи бародарона ва таманноҳои неки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ба сарвари давлати мо расонд.

Дар мулоқот масъалаҳои пешбурди лоиҳаҳои афзалиятнок дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва барномаҳои мубодилаи фарҳангию гуманитарии дар асоси «харитаи роҳ» қабулшуда баррасӣ шуданд.

Масъалаҳои муҳими аҳамияти минтақавӣ — вазъ дар самти Афғонистон, омодагӣ ба ҳамоиши сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Созмони ҳамкории Шанхай баррасӣ шуд.

Президентамон муовини раиси Девони Вазирон — вазири иқтисод ва молияи Ҷумҳурии Қирғизистон Ақилбек Жапаровро пазируфт.

Аз рӯи масъалаҳои рӯзномаи дуҷониба ва ҳамкориҳои минтақавӣ мубодилаи афкор сурат гирифт.

Ақилбек Жапаров ба пешвои Ўзбекистон саломи самимӣ ва таманноҳои беҳтарини Президенти Қирғизистон Садир Ҷапаровро расонд.

Масъалаҳои татбиқи амалии қарордодҳо ва созишномаҳои дар сатҳи олӣ моҳи марти соли равон дар саммити Ўзбекистону Қирғизистон қабулшуда баррасӣ шуданд.

Аҳамияти пешбурди зудтари лоиҳаҳои афзалиятноки кооператсия дар соҳаҳои саноат, энергетика, кишоварзӣ, нақлиёт ва логистика, ташкили фаъолияти ширкати муштараки сармоягузорӣ таъкид шуд.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Туркия Мавлуд Чавушӯғлиро қабул кард.

Дар мулоқот масъалаҳои мубрами муносибатҳои гуногунҷабҳаи Ўзбекистон ва Туркия муҳокима шуданд.

Роҳбари давлати мо рӯҳи сермаҳсул ва интенсивии муносибатҳоро бо Туркия бо қаноатмандӣ қайд кард. Муколамаи мунтазами роҳбарони ду кишвар ба таҳкими риштаҳои дӯстӣ ва шарикии стратегӣ, бо мундариҷаи мушаххас ғанӣ гардондани ҳамкориҳои дуҷониба мусоидат мекунад.

Мавлуд Чавушӯғлӣ саломи гарму ҷӯшон ва таманноҳои Президенти Туркия Реҷеп Таййиб Эрдоғанро ба Президенти Ўзбекистон расонд.

Дар мулоқот ба масъалаҳои омодагӣ ва баргузории ҷаласаи дуюми Шӯрои ҳамкориҳои стратегии сатҳи олӣ эътибори махсус дода шуд.

Бинобар рӯзномаи минтақавӣ, аз ҷумла вазъи Афғонистон мубодилаи муҳими афкор сурат гирифт.

Аҳамияти ҳамкории зич дар масоили ба даст овардани сулҳи пойдор ва барқарорсозии иқтисод дар ин кишвар қайд гардид.

Президент Шавкат Мирзиёев вазири корҳои хориҷии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ шоҳзода Файсал бин Фарҳон Ал Саудро ба ҳузур пазируфт.

Роҳбари давлати мо ба мушоҳида расидани рушди муназзами муносибатҳои дуҷониба - фаъол шудани муколама ва пешбурди аввалин лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ, пеш аз ҳама дар соҳаи энергетика бо қаноатмандӣ қайд кард.

Вазир Файсал бин Фарҳон ба раҳбари Ўзбекистон саломи самимӣ ва таманноҳои неки шоҳ Салмон ибни АбдулАзиз Ал Саудро расонд, инчунин даъвати ӯро бобати бо боздиди расмӣ ташриф овардан ба Арабистони Саудӣ бори дигар тасдиқ кард.

Таъкид гардид, ки ҷониби Арабистони Саудӣ ба ташаббусҳои саривақтӣ ва муҳими байналмилалии Президенти Ўзбекистон оид ба таҳкими робитаи минтақавии Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, инчунин кӯмаки ҳамаҷониба барои ҳалли осоиштаи вазъ дар Афғонистон баҳои баланд дода, дастгирӣ мекунад.

Дар ҷараёни мулоқот дурнамои тавсеаи ҳамкориҳои амалӣ, омода кардани чорабиниҳо ва лоиҳаҳои нав бо мақсади бо мундариҷаи мушаххас ғанӣ гардондани рӯзномаи робитаҳои дарпешистодаи сатҳи олӣ ва ба сатҳи сифатан нав баровардани муносибатҳои Ўзбекистон ва Арабистони Саудӣ баррасӣ гардиданд.

Президенти Ўзбекистон вазири корҳои хориҷӣ, вазири давлатӣ оид ба корҳои Девони Вазирони Давлати Кувайт шайх Аҳмад Носир ал-Муҳаммад ас-Сабоҳро ба ҳузур пазируфт.

Сарвари давлати мо аҳамияти рушди минбаъдаи муносибатҳои анъанавии дӯстонаи ду кишварро таъкид кард. Боварӣ изҳор карда шуд, ки сафари ҳозираи роҳбари идораи сиёсати хориҷии Кувайт ба тақвияти робитаҳо ва мубодила мусоидат хоҳад кард.

Вазири корҳои хориҷии Кувайт саломи гарму ҷӯшон ва таманноҳои беҳтарини амири Кувайт Навоф ал-Аҳмад ал-Ҷобир ас-Сабоҳро ба раҳбари Ўзбекистон расонд, инчунин оид ба пурзӯр гардондани ҳамбастагӣ байни минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ изҳори пуштибонӣ кард.

Дар ҷараёни мулоқот дурнамои тавсеаи ҳамкориҳои амалӣ, пеш аз ҳама дар соҳаҳои тиҷорат, сармоягузорӣ ва инноватсия, молия, амнияти озуқаворӣ, технологияҳои иттилоотӣ, маориф ва ғайра баррасӣ шуданд.

Дар бораи баргузории ҷаласаи навбатии Комиссияи байниҳукуматии дуҷониба ва омода намудани барномаи муштараки чорабиниҳо дар доираи 30-солагии барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ созиш ба даст оварда шуд.

Мубодилаи судманди афкор оид ба ҷанбаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ сурат гирифт.

Роҳбари давлатамон бо муовини Сарвазири Ҷумҳурии Озарбойҷон Шоҳин Мустафоев мулоқот кард.

Масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди Ўзбекистон ва Озарбойҷон, таҳкими муносибатҳои анъанавии наздик ва дӯстонаи ду кишвар баррасӣ шуданд.

Шоҳин Мустафоев ба сарвари давлати мо саломи самимӣ ва таманноҳои беҳтарини Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиевро расонд.

Дар ҷараёни сӯҳбат ба масъалаҳои таҳкими ҳамкориҳои амалӣ, пеш аз ҳама дар пешбурди лоиҳаҳо дар соҳаҳои савдо, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт ва логистика, инчунин татбиқи барномаҳои мубодилаи фарҳангӣ-гуманитарӣ диққати махсус дода шуд.

Дар бораи дар доираи омодагӣ ба ҳамоиши дарпешистода дар сатҳи олӣ баргузор намудани ҷаласаи навбатии Комиссияи байниҳукуматӣ ва Шӯрои соҳибкорон, ташкили Форуми якуми минтақавӣ созиш ба даст оварда шуд.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ҳайати Иёлоти Муттаҳидаро таҳти роҳбарии мушовири Президенти Иёлоти Муттаҳида Элизабет Шервуд-Рэндалл пазируфт.

Рӯзномаи кунунии дуҷониба ва масъалаҳои сиёсати байналмилалӣ баррасӣ шуданд. Роҳбари давлати мо рушди босуръати муносибатҳои шарикии стратегӣ ва ҳамкории гуногунҷанбаи солҳои охири байни Ўзбекистон ва Амрикоро бо қаноатмандӣ қайд кард.

Элизабет Шервуд-Рэндалл ба Президенти Ўзбекистон саломи самимӣ ва таманноҳои беҳтарини Президенти Иёлоти Муттаҳида Ҷозеф Байденро расонд.

(Давомаш дар саҳ.3).

# Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ: АЗ УМУМИЯТИ ТАЪРИХИВУ ФАРҲАНГӢ БА ОЯНДАИ УМУМИИ ОСУДАҲОЛОНА

(Аввалаш дар саҳ.1).



*Суратгир: Т. МАМАДАМИНОВ (ЎзА).*

Дар чунин шароит эҳё намудани алоқаҳои тарафайни Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ, ки ҳоли ҳозир дар ин минтақаҳо тақрибан 2 миллиард инсон зисту зиндагӣ мекунад, беш аз пеш ҷараёни зарурӣ ва воқеӣ мегардад. Фикр мекунам, замоне расид, ки бо назардошти мероси бузурги таърихӣ, илмӣ ва маънавиву фарҳангии халқҳои мо, иқтисодиёти барои якдигар муфид, мавҷуд будани иқтидорҳои зеҳнӣ саъю кӯшишҳои муштаракамонро муттаҳид намоем, ки бидуни шубҳа, натиҷаи хеле хуб хоҳад дод, – гуфт Шавкат Мрзиёев,

Воқеан, мустаҳкам кардани сулҳу дӯстӣ, эътимод ва некҳамсоягӣ, вусъат додани ҳамкориҳои муфиди тарафайни байни кишварҳои мо, ба роҳ мондани сиёсати ошкоро ва пурмуҳтаво ба манфиати тамоми давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Президент дар суханронии худ ташаббусҳои муҳимеро пеш гузошт, ки ба муваффақ шудан ба ҳадафҳои мазкур нигаронида шудаанд. Аҳамияти бузурги ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ зикр гардид, ҳар сол баргузор кардани анҷумани байниминтақавӣ барои баррасии масъалаҳои муҳими вусъат додани рӯзномаи ҳамкории иқтисодӣ, амиқ намудани кооператсия ва саъю кӯшишҳои тарафайни сармоявии кишварҳои ду минтақа пешниҳод шуд.

Роҳбари давлат ба масъалаи бунёди инфрасохтори нақлиётиву логистикие, ки Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубиро ба тарзи самарабахш ва муътамад мепайвандад, эътибори махсус дод. Ҷузъи асосии тамоми эъмори ҳамкориҳои тарафайни минтақаҳои мо бояд роҳи оҳани «Тирмиз – Мазори Шариф – Кобул – Пешовар» гардад, ки лоиҳаи сохтмони он аллакай, аз ҷумла аз ҷониби идораҳои бонуфузи байналхалқии молиявӣ низ васеъ эътироф ва дастгирӣ карда мешавад. Сохтмони ин роҳи оҳан имкон медиҳад иқтидори транзитии ду минтақа пурра татбиқ гардад, хатсайри кӯтоҳтарин ташаккул ёбад, муҳлат ва тавақуффи боркашонӣ хеле кам шавад.

Зарурияти коркарди чораҳои мушаххас бобати татбиқ сохтани иртиботи рақамии тарафайн дар соҳаҳои савдо, транзит ва убури сарҳадҳо, қабул кардани Стратегияи муштараки амалиёт қайд гардид.

Дар тамоми ҷаҳон мушкилоти таъмин кардани амнияти хӯроквори меафзояд. Вобаста ба ин Президент пешниҳод кард, ки таҳти васояти Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ барои коркарди барномаи муштараки чораҳо воҳӯрии вазирони хоҷагии қишлоқи минтақаҳо гузаронида шавад.

Ҳамчунин чораҳои таҳкими амният ва эътидол дар минтақа, мубориза ба муқобили терроризм, экстремизм ва ҷинояти наздисарҳадӣ баррасӣ шуданд.

Муҳимияти ҳифзи муҳити атроф ва рушди иқтисодиёти «сабз» таъкид гардид.

Фикру ақидаҳо бобати ташаккул додани платформаи ягонаи операторҳои сайёҳӣ барои пурра татбиқ сохтани иқтидори сайёҳии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ, рушди минбаъдаи сайёҳии минтақа дар доираи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ иброз гардиданд.

Вусъат додани мубодилаи илмӣ, фарҳангӣ ва башардӯстона дар таҳкими дӯстӣ ва эътимод нақши бузург мебозанд. Вобаста ба ин дар Тирмиз баргузор кардани анҷумани байналхалқӣ бинобар мероси таърихии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ таҳти васояти ЮНЕСКО пешниҳод карда шуд.

Роҳбари давлати мо ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсияҳо эътибори махсус дод. Вай муҳимияти рағбатноксозии тадқиқоти муштарак ва барномаиҳои мубодилаи таҷриба, ҳамчунин ба роҳ мондани режими соддаи раводидро барои олимон ва муҳаққиқон таъкид намуд.

Тавре ки маълум аст, дар арафаи конфронси мазкур дар Тошканд Пажӯҳишгоҳи байналмилалии Осиёи Марказӣ кушода шуд. Президент пешниҳод кард, ки дар пойгоҳи ин маркази таҳлилӣ гурӯҳи коршиносӣ бинобар рушди ҳамкориҳои минтақавӣ таъсис дода шавад.

– Умумияти таърихиву фарҳангӣ ва тамаддунҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ, ки ба манфиатҳои кишвар ва халқҳои мо мусоидат мекунанд, пояи мустаҳкам мебошанд, ки мо метавонем дар он ояндаи фаровони худро бунёд намоем. Моро зарур аст, ки Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ, ҳамчунин тамоми қитъаи Авроосиёро ба соҳати боэътидол ва аз ҷиҳати иқтисодӣ шукуфон табдил диҳем, – гуфт Президенти Ўзбекистон дар анҷоми суханронии худ.

Сипас Котиби генералии СММ Антониу Гутерриш ба иштирокдорони корнфронс аз тариқи видеоӣ муроҷиат кард.

Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ашраф Ғанӣ, Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Имрон Хон, Намояндаи олимақоми Иттиҳоди Аврупо оид ба корҳои хориҷӣ ва амнияти сиёсӣ Ҷозеп Боррел дар бораи пешомади ҳамкориҳо дар минтақа ва аҳамияти бузурги анҷумани мазкур сухан ронданд.

Дар ҷамъомадҳои умумӣ ва сексионии анҷуман имконият ва ташаббусҳое, ки ба таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои муфиди тарафайн дар соҳаҳои савдою иқтисодиёт, нақлиёту коммуникатсия, фарҳангу инсонпарварӣ нигаронида шудаанд, муҳокима шуданд.

Бинобар натиҷаи конфронс коркарди лоиҳаи баённомаи махсус, ки ба баррасии Ассамблеяи Генералии СММ пешниҳод мешавад, пешбинӣ гардидааст.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон*

# ДАР СУҲБАТИ МУАЛЛИМ

## Ё ХУД РЕВДОДӢ КИСТ?

Рӯзе аз таги дари муаллим гузаро шудам. Он ҷо муаллим бо ду-се ҷавон рост истода интизори чизе ё касе буданд. Салом додаму аҳвол пурсидам. Муаллим пас аз алейк гирифтан: «Мо интизори мошини боркашем ва ин ҷавонҳо ба ман барои овардани санги осиё кӯмак мерасонанд», – гуфтанд.

Бо таҳайюр ба ҷавонҳо нигаристам. Яке аз онҳо, ки Ҳайдар ном дошт, гуфт:

– Оё хабар надоред. Ако Толиб ба як кори хайр даст задаанд. Яъне, дар ҳавлиашон осорхона кушоданӣ. Чизҳои қадимаро ҷамъ меоваранд. Аз ашёҳои кӯзаву сафол то сару либос. Имрӯз аз деҳаи Талибарзу як санги осиёи обиро ёфтаанд, ҳамонро барои осорхонаи шахсиашон овардаем.

Аз ин хабар хеле хурсанд шудам.

Оре, ин ҷо сухан дар бораи Толиби Юнусзода меравад, ки байни мардум чун муаллим, мухбир ва раҳнамои ҷавонон маълуму маъруфанд. Дер боз ҳаёти ин марди наҷибро мушоҳида карда, чизе навиштанро дар бораи ӯ орзу менамудам. Ҳоло мехоҳам на аз фаъолияти иҷтимоиву мавқеи дар деҳа доштааш, балки паҳлӯҳои аз чашми мардум пинҳон мондаи ҳаёти ӯ сухан ронам. Завқи Толибака ҳанӯз аз овони ҷавонӣ ба таърихи миллат ва кишвар зиёд буд. Ба мактаббачагон чун мутахассиси забон ва адабиёти тоҷик илм омӯзонад ҳам, онҳоро бо таърихи диёр низ ошно мекард. Бо саъю кӯмаки хонандагон дар мактаби таълими умумии рақами 37-и ноҳияи Самарқанд музейи атиқаеро ташкил дод. Он ҷо аз намунаҳои ҳунармандии гузаштаи халқи тоҷик, ашёҳои рӯзгор, аз кулолгарӣ то ба оҳангарию либосдӯзиро ҷамъ овард.

Телефон занг зад. Муаллим онро ба гӯш бурда, узри гапзадаистодаро қабул намуданд ва ба мо рӯй оварда гуфтанд, ки ин ронанда буд, имрӯз омада наметавонистааст ва овардани санги осиё ба рӯзи дигар гузошта мешавад.

Ҷавонон баъди ин гап аз паси корҳои худ рафтанд. Муаллим маро ба ҳавлӣ таклиф намуданд. Даромадам, назарам ба кӯзаи калони дарзёфтае афтод, ки зери дарахти тут меистод. Толибака шарҳ доданд, ки дар гузаштаи на он қадар дури мардуми мо ин кӯза вазифаи яхдонро адо мекардааст. Дар он ғалладона, хӯрокворӣ, гӯшт ва ғайраро нигоҳ медоштаанд. Ӯ ин кӯзаи ҳаҷмаш, тақрибан, 80-100 литраро аз деҳаи Қавола овардааст.

Ба хонаи рӯ ба рӯ даромадем. Даромадаму ҳайратам афзуд. Хона он қадар калон набуд. Тақрибан 15 метри мукааб, се тарафи онро экспонатҳои дар рафҳо ба тартиб гузошташуда оро медоданд. Се шкафи баланду дар онҳо ба се забон – тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ китобҳои солҳои гуногуни асрҳои гузашта чопшуда чида шуда буданд. Асарҳои адибону шоирони мухталиф – Рӯдакию Навоӣ, Пушкину Толстой ва ҳоказо чашми касро мебурданд. Аз ҷилдҳои мукаммали «Гулшани адаб» то қомусномаҳои гуногун рафи китобҳоро оро медоданд. Ин китобҳои нодир ба се ҳуруфот – арабӣ, кириллӣ ва лотинӣ буданд.

Хонаро ҳамчунин расму суратҳои соҳибхона, ки дар вохӯрӣ бо адибони машҳури ҷумҳурӣ аккосӣ шудаанд, зеб мебахшиданд. Дар девор сарулибосҳои арӯсии беш аз 80-солаи қиблагоҳи соҳибхона – Субҳонбобою модараш Тӯхтабибӣ оро медоданд. Онсӯтар ашёи ҳунармандӣ, олоту чизҳои аз мису чиннӣ ва оҳану гил сохташуда гузошта шуда буданд. Найзаву дос ва қуфле, ки шахсан худи муаллим аз кӯҳҳои Амонқӯтон ва дараи Илонсой дарёфт кардаанд, ҳатто асбобҳои давраи биринҷӣ низ ҳастанд. Чойнакҳои чиние, ки тахминан охири асри XIX ва аввалҳои асри XX дар Хитой сохта шудаанду



аксар дар ҳолати истифодабарӣ, мебошанд, инчунин, зебу зеварҳои занона бо нигинҳои қиматбаҳо, шояд аз лаъл ё аз ёқути сурх ва фирӯза бошанд, меистоданд, ки қимати осорхонаро дучанд мекарданд.

Дар рафти суҳбат ба Толибака: – Шуморо муаллим, рӯзноманигор ва ҳаҷвнигор гӯям, аз таърих ҳам хуб хабардор будаед. Беҳуда дар зери баъзе мақолаҳои чопшуда имзои Дарвозаи Ревдодӣ намегузоштаед, – гуфтам.

Муаллим бо нигоҳи табассумомез ба сӯйи кати чӯбин ишора ва сари як пиёла чой ҳикоя карданд.

– Оре, мушоҳидаҳоят дурустанд? – То имрӯз дар рӯзномаю воситаҳои ахбори оммавӣ бо имзои Юнусзода шинохта шудаам. Аммо, дар мақолаҳои таърихие, ки менависам, Ревдодӣ имзо мемонам. Ин бесабаб нест. Чунки, дар яке аз маъхазҳои таърихӣ хондаам, ки ҳанӯз пеш аз давраи Амир Темур деҳаи ҳозираи Оқмасҷиди моро деҳаи Дарвозаи Ревдод меномиданд. Яъне, яке аз дарвозаҳои боҷситони шаҳри Самарқанди қадим ҳамин ҷо будааст. Аз таърих маълум ки шаҳри мо низ монанди Бухоро зиёда аз 10 дарвозаи карвондарою боҷситонӣ доштааст. Аз ин сабаб, худро Ревдодӣ хонам хато нест.

Мо аксар ба таърих нописандона назар мекунем. Албатта, дар давраи мактабхонӣ мувофиқи нақшаву барномаи давлатӣ мехонем. Гӯё ҳамин кифоя аст. Афсӯс, ки бештарини мардум бо ҳамин дониш қонеъ мешаванд. Ҳол он ки, таърих бо мурури замон коилтару пурратар шуда меистад. Тарафи ғолиб на ҳамеша ҳақиқати ҳолро баён мекунад.

– Биё, ба таъриху сиёсати дунё кордор набошем, ба ту дар бораи зиндагиномаи ба гӯши мардум нарасидаи худ ҳикоя кунам. Ҷавон будаму ғурурам баланд буд, ба ҳаёт дар қатори пур аз рӯйи таълимоти атеистӣ менигаристам. Бисёр воқеаву ҳодисотро ҳамчун тарғиботи динпарастон қабул мекардам. Ҳатто, ба номи аввалаи худ боварам намеомад.

– Яъне...

– Яъне, Ғоибназар.

– И-е, аҷиб-ку. Яъне, Толиб Юнусзода не-ю Ғоибназар Юнусзода. Шуморо дуруст фаҳмидам.

– Бале, – каме хомӯш монданд муаллим. – Ин таърихи 70-сола дорад.

– Хайрият, ёдрас кардед, шуморо табрик мекунам ва умри пурбаракот орзу менамоям...

– Ташаккур, ташаккур!.. Падарам Юнусов Субҳон ва модарам Турсунова Тӯхтаой одамони бомаърифат, аз пешқадамони соҳаи савдо буданд. Пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ падарам дар мағозаи деҳаамон, ки ба ҷамъияти истеъмолчиёни деҳа (селПО)-и ноҳия тобеъ буд, мудир буданду модарам вазифаи фурӯшандаи ин мағозаро иҷро мекарданд. То ба дунё омадани ман ду-се фарзандашон нобуд мегардад.

Рӯзе падарам дар назди ҳавзи Оқмасҷид (он вақтҳо лаби ҳавз ҷойи ҷамъомад ва истироҳати мардуми деҳа буд) бо ду-се улфаташон нишаста маишат мекунанд. Вақте арақ тамом мешавад, падарам ба он сӯйи кӯча, ба мағоза нигоҳ карда фарёд мекунад. – Ҳой, занак, ба мо арақ фурсон.

(Давомаш дар саҳ.4).

Фикри депутат

# РӮЙХАТИ ОШКОРОИ ШАХСОНЕ, КИ ВОБАСТА БА ТАМАЪГАРӢ ҶИНОЯТ СОДИР КАРДААНД, ТАШКИЛ МЕГАРДАД

Тамаъгарӣ иллати хавфнокест, ки ба пешрафти ҳама гуна давлату ҷамъият монеъ мешавад, ба истиқрори ҳаёти иҷтимоӣ таҳдид менамояд. Агар пеши ин офат гирифта нашавад, дар мамлакат фароҳам овардани шароити воқеии соҳибкорӣ ва сармоядорӣ ғайриимкон мегардад, ягон соҳаи ҷамъият пеш намеравад. Ин ҳақиқатест, ки исботро тақозо намекунад.

Дар чаҳор соли охир дар Ӯзбекистон бар зидди тамаъгарӣ мубоpизаи қатъӣ оғоз ёфт. Барои пешгирӣ кардани тамаъгарӣ дар тамоми соҳаҳои сохтори давлатӣ ва ҷамъиятӣ решакан кардани он эътибори зиёд дода мешавад. Аз рӯзи аввали ба вазифаи худ оғоз кардани нахустин ҳуҷҷате, ки Президент Шавкат Мирзиёев ба он имзо гузошт, Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи мубориза бар муқобили тамаъгарӣ» буд. Дар мамлакати мо барои таъмин кардани иҷрои қонуни мазкур дар давраи сипаришуда бо такя ба меъёрҳои пешқадами байналхалқии мубориза бар муқобили тамаъгарӣ чораву тадбирҳои ҷиддӣ андешида шуданд, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо аз тариқи дар онҳо таъмин кардани ошкорбаёнӣ, рӯшодӣ ва шаффофият пурсамартар гардиданд, барои таъмин сохтани назорати таъсирбахши ҷамоатӣ ва идораи пурсамар шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шуданд.

Вале бо вуҷуди чораву тадбирҳои андешидашуда бобати истифодаи маблағҳои буҷавӣ, харидҳои давлатӣ, сохтмони капиталӣ, ба даст овардани иҷозатнома ва рухсатномаҳо, ҷудо кардани вомҳои бонкӣ, ба кор қабулкунии кадрҳо ҳолатҳои тамаъгарӣ мушоҳида мегарданд.

Фармони роҳбари давлат «Дар бораи муносибати беамон ба муқобили тамаъгарӣ, дар идораҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ қатъиян кам кардани омилҳои тамаъгарӣ ва ба он васеъ ҷалб намудани ҷомеа» дар ин бобат аҳамияти баланд дорад.

Дар фармон боназардошти он ки дар давраи кунунии пешрафти мамлакат тамаъгарӣ яке аз хатарҳои ҷиддии рушди давлат ва ҷамъият дар Ӯзбекистон ба шумор меравад, муносибати беамон ба муқобили ҳама гуна ҳолатҳои тамаъгарӣ ва муборизаи қатъӣ бо он ба сифати вазифаи устувори роҳбарони тамоми дараҷаҳои мақомоти давлатӣ муайян карда шуд.

Минбаъд бо мақсади аз тамаъгарӣ озод намудани идораи давлатӣ аз ҷониби Агентӣ «Реестри кушоди электронии шахсоне, ки бинобар ҷинояти вобаста ба тамаъгарӣ айбдор дониста шудаанд», ҷорӣ мегардад. Ба шахсоне, ки ба ин рӯйхат афтидаанд, кор дар муассисаҳои давлатӣ ва сазовор шудан ба мукофотҳои давлатӣ, роҳбарӣ ба ташкилотҳое, ки саҳми давлат дар онҳо аз 50 фоиз зиёд аст, ҳамчунин сарварӣ ба муассисаҳои давлатии таълим манъ карда мешавад. Аз 1 январи соли 2022-юм бошад, декларатсияи иҷбории даромадҳо, амволи хидматчиёни давлатӣ, роҳбарон ва ҷонишинони ташкилотҳо, корхонаҳои давлатӣ, муассисаҳо, ки саҳми давлатиашон аз 50 фоиз зиёд мебошад, ҳамчунин ҳамсарон ва фарзандони ба вояи нарасидаи онҳо ҷорӣ карда мешавад.

Тавре ки дар фармон муқаррар карда шудааст, минбаъд сар тофтани хидматчии давлатӣ аз тақдимкунии декларатсия, қасдан маълумоти нодуруст ворид кардан боиси аз кор гирифтан ва мувофиқи қонун ба ҷавобгарӣ кашида шудани ӯ мегардад. Ҳамчунин аз 1 январи соли оянда барои хидматчиёни давлатӣ берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ кушодани ҳисобрақам ва ба он соҳибӣ шудан, нигоҳ доштани маблағҳои нақди пулӣ ва соҳибӣ ба амволи дигар манъ карда мешавад.

Мувофиқи ҳуҷҷати мазкур баъди муайян карда шудани ҳолатҳои вобаста ба зидди манфиатҳои агентӣ, агар тақдимномаи нигоҳ доштани шартнома, фармон ва амали ҳуҷҷатҳои дигар боздошта, ё худ ба суд дар бораи ҳақиқӣ набудани онҳо даъво пешниҳод шуда бошад, ба зиммаи депутатҳои халқӣ вазифаи назорати мунтазам нисбат ба манбаъҳои иловагии буҷаҳои маҳаллӣ гузошта мешавад.

Навгонии дигаре, ки дар фармони роҳбари давлат ифода ёфтааст, ин тасдиқ шудани барномаи давлатӣ оид ба мубориза бар зидди тамаъгарӣ дар солҳои 2021-2022 ба шумор меравад. Мувофиқи он барои сари вақт ва босифат ба амал татбиқ намудани чораву тадбирҳое, ки дар Барномаи давлатии агентӣ пешбинӣ шудаанд, бобати ба роҳ мондани назорати мунтазам дар анҷоми ҳар як чоряк ба шӯрои миллии мубориза ба муқобили тамаъгарӣ маълумот пешбарӣ мекунад. Шӯро бошад, ба амал татбиқ гардидани чораҳои дар назардошташударо баррасӣ менамояд.

ЎзЛиДеП ва фраксияи парлумонии он вазифаҳоеро, ки дар фармон пешбинӣ шудаанд, пурра дастгирӣ мекунад ва барои расидан ба мақсадҳои барномавӣ, ҳифз намудани манфиатҳои интихобкунандагон ба сифати ҳуҷҷати муҳим эътибор медиҳад. Мо ҷонибдори пирӯзӣ бар тамаъгарӣ ва ворид шудан ба ҷумлаи давлатҳое мебошем, ки дар онҳо тамаъгарӣ аз байн бардошта шудааст.

Вазифаҳои устуворе, ки дар фармон муайян карда шудаанд, ба мақсадҳои барномавии ҳизби мо вобаста ва ҳамоҳанг мебошанд. Мо ошкор кардани маблағи хидматчиёни давлатӣ ва маълумот дар бораи амволи онҳо, ҷорӣ кардани низоми нави декларатсия, пурзӯр намудани ваколат ва вазифаҳои кумитаҳои мубориза ба муқобили тамаъгарӣ ва масъалаҳои суду ҳуқуқро вазифаи муҳим меҳисобем. Дар ин бобат мо нафақат барои бартараф сохтани оқибатҳои тамаъгарӣ, балки боз бар муқобили омилҳое, ки сабаби тамаъгарӣ мешаванд, чора меандешем. Ҳамчун хулоса метавон гуфт, ки тамаъгарӣ ба пешрафти сиёсиву иқтисодии ҳама гуна давлат ва ҷамъият зарари ҷиддӣ мерасонад. Вай асосҳои конститутсионии давлат, пойдории қонунро заиф месозад, оқибат боиси поймол гардидани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мешавад. Иҷрои фармони мазкур, бидуни шубҳа, баробари куллан решакан кардани тамаъгарӣ, баҳри дар рейтингҳои бонуфузи байналхалқӣ беҳтар намудани мавқеи Ӯзбекистон хидмат хоҳад кард.

**Актам ҲАИТОВ,**
**ҷонишини Раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН РОҲБАРОНИ ҲАЙАТҲОИ ХОРИҶИРО ҚАБУЛ КАРД

(Аввалаш дар саҳ.1,2).

Таъкид гардид, ки Маъмурияти Иёлоти Муттаҳида ба ташаббусҳои роҳбари Ӯзбекистон оид ба таҳкими робитаи байни Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ баҳои баланд медиҳад.

Ғайр аз ин, соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тақсимнопазирии ҳудудии кишвари мо, ислоҳоти ҷорӣ бинобар бунёди Ӯзбекистони нав, инчунин кӯшишҳо оид ба таҳкими эътимод, ҳамсоягии нек ва шарикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба таври ҷиддӣ дастгирӣ карда шуданд.

Дар мулоқот масъалаҳои идомаи муколамаи созандаи сиёсӣ, инчунин ҷанбаҳои амалии тавсеаи ҳамкориҳои дуҷониба, аз ҷумла мубориза бо паҳншавии пандемия ва эмгузаронии аҳолӣ, пешбурди лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ бо иштироки ширкатҳо ва бонкҳои бонуфузи амрикоӣ баррасӣ шуданд.

Оид ба вазъи инкишофёбандаи Афғонистон мубодилаи ҳамаҷонибаи афкор сурат гирифт.

Президентамон муовини Дабири кулли СММ, Котиби иҷроияи Комиссияи иқтисодии Аврупо (КИА) Олга Алгаероваро пазируфт.

Роҳбари давлати мо рушди босуръати шарикӣ бо муассисаҳои СММ-ро, ки дар солҳои охир ба сатҳи сифатан нав расидааст, бо қаноатмандӣ қайд кард. Барои кӯмаки Созмон дар пешбурди ислоҳот дар кишвари мо изҳори миннатдорӣ карда шуд.

Олга Алгаерова салом ва суханони дастгирии Дабири кулли СММ Антонио Гутерришро ба Президенти Ӯзбекистон расонд.

Нуфузи афзояндаи мамлакати мо дар арсаи ҷаҳонӣ, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ васеъ дастгирӣ шудани ташаббусҳои Пешвои Ӯзбекистон, аз ҷумла таҳкими робитаи байниҳамдигарии минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ таъкид гардид.

Вай аз қабули қатъномаи Ассамблеяи генералии СММ дар бораи минтақаи инноватсияҳо ва технологияҳои экологӣ эълон кардани минтақаи Арал, инчунин раисии Ӯзбекистон дар Барномаи махсуси СММ барои иқтисодиёти Осиёи Марказӣ (СПЕКА) истиқбол кард.

Дар ҷараёни мулоқот дурнамои густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманди Ӯзбекистон ва КИА барои ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор ва рафъи оқибатҳои пандемия, аз ҷумла дар соҳаи иқтисод, савдо ва нақлиёт, инноватсия, экология ва дигар соҳаҳо баррасӣ шуданд.

Дар мулоқот бо вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Халқии Бангладеш Абул Калам Абдул Мӯмин бинобар масъалаҳои рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва рӯзномаи минтақавӣ мубодилаи афкор сурат гирифт.

Вазири корҳои хориҷӣ ба сарвари давлати мо саломи самимонаи Президенти Бангладеш Абдул Ҳамид ва сарвазир Шайх Ҳасина Ваздеро расонд.

Дастгирии қатъӣ ба ташаббуси Президенти Ӯзбекистон оид ба рушди ҳамбастагии минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ тасдиқ карда шуд.

Ба вусъат додани ҳамкориҳои амалӣ бо роҳи тақвияти мубодила, пешбурди лоиҳаҳо ва барномаҳои муштарак дар соҳаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

**ЎзА.**

# МУЛОҚОТИ ПРОФЕССОРИ РИШТОНӢ – БО ҶАВОНОН

***Бо ибтикори ҳокимияти ноҳияи Риштон профессори Донишгоҳи Аллабамаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва зодаи ин шаҳри бостонӣ – Ҳасанҷон Исомиддинов бо як гурӯҳ ҷавонони лаёқатманд ва истеъдоднок суҳбати мизи гирд ташкил намуд.***

Тавре ки вай иброз дошт, аз аввал талоши зиёд ба харҷ дод, ки забони англисиро хубу комил омӯзад ва фаъолияташро дар яке аз донишгоҳҳои бузурги амрикоӣ идома диҳад.

– Дар натиҷаи чунин меҳнату машаққат ба дастовардҳои зиёд ноил шудам. Аз шумо низ даъват мекунам, ки пайваста забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисиро хеле хуб омӯзед. Танҳо омӯхтану донистани забонҳои хориҷӣ мусоидат менамоянд, ки кас ба қуллаҳои баланди мурод бирасад. Ба ибораи дигар, манбаи ҳамаи пешравӣ дар дасти худи шумост, – гуфт Ҳасанҷон Исомиддинов ба иштирокчиёни ин суҳбат.

Баъд вай як-як бо ҷавонони риштонӣ суҳбатҳои инфиродӣ намуд ва мулоқоти самимии ӯ ба ҷавонон рӯҳу тавон бахшид. Ногуфта намонад, ки қисми асосии суҳбати мизи гирд ба забони англисӣ сурат гирифт. Як гурӯҳ ҷавонони риштонӣ намоиш доданд, ки ба омӯзиши забони англисӣ таваҷҷуҳи хос медиҳанд, зеро инро замон тақозо менамояд.

Гуфта шуд, ки пайдо кардани мавқеъ дар як кишвари дигар аз тарафи профессори риштонӣ Ҳасанҷон Исомиддинов дар байни ҷавонони ин ноҳия барои боз ҳам бештару беҳтар омӯхтани забонҳои хориҷӣ хидмат хоҳад кард.

**Аброр ДЕҲҚОНОВ,**
**котиби матбуоти ҳокимияти ноҳияи Риштон.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

**Бинобар ислоҳоти васеъмиқёси соҳаҳо дар мамлакат ҳоло органҳои андози давлатӣ на ҳамчун мақомоти ҷазодиҳӣ, балки чун кӯмакрасони боэътимоди соҳибкорон аз нав ташаккул меёбанд.**

# Бинои хидматрасонии андоз

Дар садорати андози давлатии вилоят амал кардани шуъбаи алоҳидаи хидматрасонӣ ба андозсупорандагон ва 13 июли соли ҷорӣ ба истифода супурда шудани бинои нави хидматрасонии андоз бо як қатор қулаиҳо ба ин мисоли равшан аст. Дар маросими тантанавии ба истифода супурдашавии ин бино ҳокими вилоят Ботир Зарипов иштирок карда ба сухан баромад.

Дар тадбир ба субъектҳои соҳибкорие, ки бобати андозсупорӣ ба дигарон намунаанд, ташаккурнома ва тuҳфаҳо супурда шуд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ДЕҲА ОБОД МЕШАВАД

***Доир ба иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев «Дар бораи барномаи «Деҳаи обод» дар бисёр ҳудудҳо садҳо маҳаллаҳо обод шудаанд.***



Дар яке аз деҳаҳои тоҷикнишини Синтоби ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё низ аз моҳи марти соли ҷорӣ корҳои ободонӣ аз ҷониби гурӯҳи сохтмончиён таҳти назорати прокурори ноҳия А.Мадиев шурӯъ шуданд.

Гурӯҳи мазкур аввал дар деҳа бо ҷавонҳои бекор машғул шуд, дертар ба ҳар як фермер ҷавононро вобаста намуд. Фермерон ба ҷавононе, ки хоҳиши соҳибкор шудан доранд, замин ҷудо карданд.

Дар доираи иҷрои барномаи «Деҳаи обод» ба таъмиру тармими бино ва хонаҳои аҳолии деҳа эътибори калон дода, аҳолиро водор намуд, ки ҳавлиҳои худро саранҷом кунанд ва аз ҳар ваҷаб замини наздиҳавлигӣ самарабахш истифода баранд. Дар маркази деҳа бунёди бинои ҷамоати маҳалла ба роҳ монда шуд. Дар деҳа барои таъмин кардани оромиву осоиштагии аҳолӣ нозири минтақа кор мебарад, бинобар ин, барои онҳо барпо кардани қароргоҳҳои нозирон ба нақша гирифта шудааст.

Мактаби миёнаи рақами 10-уми деҳа аз нав сохта, дар он майдони футбол ҳам бунёд карда мешавад. Дар баъзе кӯчаҳо дар таъминоти оби нӯшокӣ муаммои ҷиддӣ ҷой доранд, бинобар ин чанд иншооти об сохта, ҳар як хонадон бо об таъмин карда хоҳад шуд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар деҳа фақат алоқаи билайн амал мекунад. Пешбинӣ мегардад, ки робитаҳои дигари интернетӣ низ ба роҳ монда шавад. Инчунин, сохтани бинои масҷид ба нақша гирифта шуда, мушкилоти таъмиру тармими роҳи деҳа низ аз эътибор дур намондааст. Албатта, барои кӯдакони деҳа сохтани боғча ва бунгоҳи тиббӣ низ ба нақша даровардa шудааст. Сонияи, иваз кардани хати гази табиӣ ва электр ҳам дар назар аст.

Албатта, ҷомаи амал пӯшидани тамоми корҳо барои мардум дар арафаи ҷашни 30-юмин солгарди истиқлолияти Ватанамон туҳфаи муносиб хоҳад шуд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ДАР СУҲБАТИ МУАЛЛИМ

## Ё ХУД РЕВДОДӢ КИСТ?

(Аввалаш дар саҳ.3).

Модарам ба як даст ду шиша арақ, ба дасти дигар нону ҳасиб бардошта, бо шиками дамида наздик мешавад.

– Э... занак нашуда мур... ин қадар ҳаял кардӣ, – гӯён падари ширакайфам модарамро сарзаниш мекунад.

Дар давра 4 нафар, яке Қаюмполвони даштакӣ, дуюмӣ аъзои идораи колхози ба номи «Коммунаи Париж» Масеча (барои қадпасту ғӯладинг буданаш) ном рафиқашон ва Файзулло Махсум – котиби қӯмитаи партиявии колхози «Болшевик» менишастаанд. Файзулло Махсум падарамро сарзаниш мекунад:

– Ғазаба ҳай гӯ, ҷӯра, зан ва аёли худат бошад ҳам, худро нигоҳ дор, аз ғазаб фаро.

– Махсум, шумо намедонед, ин занак бачааш 7-сола шуда бошад ҳам, боз ягон писар зоям намегӯяд. Чанд маротиба ҳомила шуду партофт. Ин бачапарто аст, – гӯён боз дашном медиҳад.

– Занат дере нагузашта, албатта, писар таваллуд мекунад, ба ниятат мерасӣ, иншооллоҳ!, – мегӯяд Файзулло Махсум.

– Кошкӣ, гуфтаат мешуд, дӯстам. Ман кайҳо боз дар орзуи писар ҳастам.

– Истед, ки муаллим, ин ҳамон Файзулло Махсуми шалғамонӣ нест, ки дар забони мардум афсона гаштааст.

– Бале, гап дар бораи ҳамон Файзулло Махсум Муродов меравад.

– Давом диҳед...

– Гапам рост, ҷӯра, – мегӯяд Файзулло Махсум. Ҳамин дафъа занат писар мезояд ва хоҳӣ номашро ҳам гуфтанам мумкин.

– Ин тавр бошад, гарав мебандем, – гӯён шарикони дар канор нишаста низ ба баҳс ҳамроҳ мешаванд. Аз чӣ? Субҳонака велосипеди «Диамант»-и худро гаравгон мегузорад. Арзиши велосипеди он давра ба қимати мошини сабукрави имрӯза баробар буд.

Аз байн ду-се ҳафта гузашта-нагузашта, дарҳақиқат, модарам писар таваллуд мекунад. Ҳамин тавр падарам соҳиби писар шуда, ба ёру дӯстони наздик як «бегоҳи панҷ» зиёфат медиҳад.

Баъди тақрибан ягон ҳафта Масеча ба хонаи мо омада, занҷири дарвозаро мезанад: «Янга, ҳой янга, акем куҷоянд, велосипедашонро гирам мешавад, ҷое рафта омаданам лозим» мегӯяд ва велосипеди Диаманти немисиро, ки ҳаққи ҳалоли Файзулло Махсум буд, бо роҳи фиреб рабуда меравад.

Аввал Махсум номи кӯдакро Ғоибназар мегӯяд. Зеро ман ба ту аз ғоиб пешгӯӣ кардаам, шарҳ медиҳад ӯ. Ин ном ба падар чандон маъқул набошад ҳам, чизе намегӯяд. Вақте, дар зиёфати «бегоҳи панҷ» домуллои деҳа Аҳрорқул домулло, – Субҳон ту ҳафт сол аз худо писар талаб карда интизорӣ кашидӣ ва ба ниятат расидӣ, биё номаш ҳамроҳаш Толиб шавад, — мегӯяд ва ин ном ба ҳозирон маъқул меафтад.

Ҳоло Толиб Юнусзода Субҳонпурро мардуми Самарқанд бо хабару мақолаҳои дилчаспу дилнишинаш, публисистикаву ҳаҷвҳои нешдораш хеле хуб мешиносанд.

Аз он кас пурсидам: агар номатон Ғоибназар мебуд, боз чунин зиндагиро интихоб мекардед? Муаллим китф дарҳам кашиданду гуфтанд: «Ном инсонро машҳур намекунад, баръакс инсон номи хешро бо ниятҳои неку наҷиб, рафтори шоиста ва гуфтори ширинаш баланд мебардорад. Бале, агар номи Ғоибназарро ҳам мегирифтам, аминам, ки чунин мезистам».

Баъд аз муаллим дар бораи ҳаёти минбаъдаи ҷӯраҳои падарашон пурсидам. Қаюмполвон чун деҳқони забардаст зиндагӣ кард. Масеча низ боқии умрро дар хоҷагии ба номи В.В.Куйбишев гузаронид. Аз байни ҷӯраҳо фақат ҳаёти Файзулло Махсум, ки 7 сол дар ҷанг иштирок ва дар ақибгоҳ низ хидмат намудааст, хеле диққатангез аст. Афсӯс, ки имкони онро дар доираи як мақола баён кардан нест. Лекин, ба гуфти муаллим Файзулло Махсум дар сафи бригадаи махсуси 96-уми Челябинск чун танкрон қаҳрамониҳо нишон додааст.

Таърих ин хотирот аст, нигоҳ доштани он ба фаҳму шуури мо вобаста. Тавре Лоиқи ширинкалом мегӯяд:

*Кори ҳама кас баробари ҳиммати ӯст,*
*Умри ҳама кас нишонаи қимати ӯст.*
*Даҳчанди қад аст ҳайкалу мақбара, лек*
*Қабри ҳама кас баробари қомати ӯст.*

**Аҳрор ҲАМРОҚУЛОВ,**

*ноҳияи Самарқанд,*
*Вилояти САМАРҚАНД.*


ҶАМОАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД

мардуми шарифи кишварро бо фаророн

**Иди сайиди Қурбон**

самимона муборакбод мекунад.

Худованд дар хонадони ҳар яки шумо сулҳу оромӣ, рӯзгори обод ва файзу баракат ато намояд.

Иди сайиди Қурбон муборак бод, ҳамватанони азиз!




# СУРУДИ ДИЛ



Одамон бо сабабҳои мухталиф, тақозои шароит касбу кореро ихтиёр мекунанд. Касбу кори дӯстдошта бошад, пайваста ба дил сурур ато мекунад. Хушбахт касест, ки ҷои худро дар зиндагӣ дарёфтааст. Гулноз Азимова, ки омӯзгори забон ва адабиёти руси мактаби таълими ҳамагонии рақами 21-уми ноҳияи Тайлоқ мебошад, аз чунин шахсони некбахт мебошад.

Гӯянд, ки тақдирро тақдирҷунбон мебояд. Муаллимаи забон ва адабиёти рус С. Зарутская дар рӯзгори Гулноз маҳз аз ҳамин гуна фардон мебошад. Ҳангоме, ки вай дар асnoи дарс афсона мехонд ё мегуфт, Гулнози мактабхон сару по ҳуш мегардид. Дар зимни афсонагӯии муаллима дар мадди назари вай мусаввараҳо, манзараҳои хушу дилпазир падидор мегардиданд. Г. Бобоқуловна зимни суҳбат гуфт:

– Аз ҳамон айёми мактабхонӣ ба забон ва адабиёти рус дилбастагӣ доштам. Дертар, асарҳои классикони адабиёти рус, ба монанди Толстой, Достоевский, Тургенев, Чехов ва дигаронро гирифта, мутолиа кардаам. Ҳақиқатнигории адибони рус, нерӯи сухани онҳо маро моту мабҳут карданд. Дарҳақиқат, чунонки Тургенев дар шеъри мансураш гуфтааст, забони русӣ тавоно ва бузург аст. Пас аз хатми мактаб Гулноз бидуни дудилагӣ ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи филологияи руси Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишери Навоӣ супурд. Дар факулта дар бобати омӯзиши забон ва адабиёти рус дониши амиқ андӯхт.

Пас аз хатми донишгоҳ фаъолияти омӯзгории худро аз мактаби рақами 10 оғоз кард. Сонитар аз забон ва адабиёти рус дар коллеҷи хидмати маишӣ дарс гуфт, пас аз он корро дар мактаби рақами 21-уми ноҳияи Тайлоқ идома дод.

Маълум ва ҷои баҳс нест, ки дар шароити деҳот дарсгузаронӣ аз забон ва адабиёти рус мушкилтар аст, аммо Гулноз Азимова ба ҳайси омӯзгори навовар бо истифодаи услубҳои мухталиф калиди дили мактабиёнро дарёфт. Ҳангоме, ки сабақомӯзии муаллимаро мушоҳида мекунед, мебинед, ки вай чӣ гунна дарсҳоро моҳирона ва муташаккилона бо ҷавобгӯӣ ба ҳамаи талаботи меъёрҳо (стандартҳо)-и давлат мегузаронад.

Г. Бобоқуловна пайваста мақолаҳо аз навгониҳои кор, таҷрибаи андӯхтааш иншо мекунад. Дар маҷаллаҳои мухталиф мақолаҳояш ба дасти чоп расидаанд. Масалан, бо мақолаҳои худ «Интеграсияи илмии нақши бозӣ дар ҳаёти кӯдак», «Оғози Ӯзбекистони нав дар остонаи мактаб дар сохтори таълим», «Истифода аз фаъолияти бозӣ дар дарсҳои забони русӣ» ва ғайра дар миёни ҳамкасбон соҳиби обрӯ гардидааст. Ба қарибӣ боз як китоби нави вай «Вазифаҳои ТИСА» нашр шуд. Дар ин хусус муаллима гуфт:

— Китоб воситаи баҳодиҳӣ ба мутолиаи босаводонаи мактабиён аст.

Гулноз Бобоқуловна дар мақолаҳо, китобҳояш нуктаеро таъкид кардааст, ки дар замони мо масъалаи баланд бардоштани сифати таълим аз забон ва адабиёти рус фаро расидааст.

Мутаассифона, дар замони мо кам шудани шавқу ҳаваси хонандаҳо ба донистану омӯхтани забон ва адабиёти рус мушоҳида мешавад. Гулноз Бобоқуловна барои бедор кардани шавқу ҳаваси шогирдон аз ҷузъиёти дарсҳои якҷояшуда истифода мекунад ва натиҷаҳои хуброро ба даст меорад. Вай мегӯяд:

– Кори берун аз синфӣ шавқу ҳаваси шогирдонро ба дарс бедор мекунад, фонди луғавии онҳоро меафзояд, нутқи шифоҳии онҳоро рушду нумӯъ мебахшад. Муносибатҳои дӯстонаи онҳоро мустаҳкам карда, маҳорати тадқиқгарӣ, тафаккури креативии хонандаро баланд мебардорад.

– Дар даврони мо забони русӣ эътибори баландро дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, дар соҳаи таълим соҳиб мебошад. Ба қарибӣ олимпиадаҳои байналхалқӣ баргузор шуданд. Бидуни донистани забони русӣ мактабиён дар олимпиадаҳои байналхалқӣ иштирок карда наметавонанд.

Гулноз Бобоқуловна баробари шогирдон фарзандони шоиста дорад. Писараш Комилҷон дар магистратураи яке аз мактабҳои олии Япония таҳсил мекунад. Духтараш Дилноза факултаи филологияи русро хатм кардааст, Меҳрубон дар мактаби рақами 21-уми ноҳияи Тайлоқ аз фанни таърих дарс мегӯяд.

**Муродқул ИСТАМҚУЛОВ,**
**академики академияи Турон.**
**Ӯктам ИБРОҲИМ,**
**хабарнигори ҷамоатии «Овози тоҷик».**

# ФАЪОЛИЯТИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ ТАКОМУЛ МЕЁБАД

***Экспертизаи судӣ яке аз ҷанбаҳои муҳим дар ҳаёти ҷомеаи кишварамон маҳсуб меёбад. Ин ниҳод дар тасарруфи Вазорати адлияи ҷумҳурӣ фаъолият мебарад. Кормандони Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судии ба номи Х.Сулаймонова бар асоси фармони Президенти мамлакат “Дар бораи чораҳои такмил бахшидани сохтори экспертизаи судӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон” ислоҳоти доманфарохеро пиёда менамоянд.***

– Мувофиқи ин фармони Президенти мамлакат дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2021-2025 дар робита ба ривоҷ додани фаъолияти экспертизаи судӣ консепсия ва “харитаи роҳ” ба тасвиб расид. Дар ин замин таъсиси Пажӯҳишгоҳи экспертизаи судӣ барномарезӣ гардидааст, ки 15 нафар корманд ба он ҷалб мегарданд,– гуфт директори Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судии ба номи Х.Сулаймонова Акрам Халилов.

Ба таъкиди мавсуф дар ин пажуҳишгоҳ солона ҳадди ақал 15 кори илмиву тадқиқотӣ гузаронида шуда, шаш муассисаи давлатии экспертизаи судӣ аз кӯмакҳои илмию услубӣ бархурдор хоҳанд шуд.

– Муҳимтар аз ин, ҳудуди 700 дастуруламали услубӣ ба таври интиқодӣ дида баромада мешаванд ва мавриди арзёбӣ қарор мегиранд,– изҳор кард А.Халилов.

Тавре ки ӯ тазаккур дод, марказ ҳаққи гузаронидани тадқиқотҳои экспертизаи судиро мувофиқи мурочиатҳои шахсони ҷисмонӣ ва юридикӣ дорад. Барои ҳамин аз 1 сентябри соли равон бар асоси шартнома вакилони мудофеъ зимни муҳокимаҳои парвандаҳои иқтисодӣ, шаҳрвандӣ ва маъмурӣ ба ташкилотҳои экспертизаи давлативу ғайридавлатӣ баргузории ин ё он экспертизаро дархост карда метавонанд.

Маълум шуд, ки кормандони ташкилотҳои экспертизаи ғайридавлатӣ дар ҳар се сол як маротиба аз аттестатсия мегузаранд ва баъд ба фаъолияти худ идома медиҳанд. Гузашта аз ин, фармони Президент мусоидат менамояд, ки аз 1 марти соли 2022 ба ниҳодҳои ваколатдор ва аҳолӣ барои расонидани маълумот сохтори ягонаи электронии “E– ekspertiza” ҷорӣ карда мешавад.

– Дар солҳои 2021-2025 ба 55 намуди экспертизаи судӣ боз ҷорӣ намудани 16 намуди иловагии экспертизаи судӣ, ба таври мисол экспертҳои ридиотехника, видеотехника, фототехника ва муайян намудани таркиби кимёвии маҳсулоти парфумерӣ ё атриёт барномарезӣ шудааст,– мегӯяд А. Халилов.

Сардори садорати мувофиқгардонии таълими ҳуқуқшиносӣ ва фаъолияти экспертизаи судии Вазорати адлияи ҷумҳурӣ Шерзод Рабиев иброз дошт, ки ин вазорат барои мувофиқгардонии ниҳодҳои экспертизаи ғайридавлатии судӣ ва ба тартиб андохтани он вазифаи ниҳоди ваколатдорро бар дӯш дорад.

– Дар назди Вазорати адлия хазинае таъсис дода мешавад, ки аз рушди фаъолияти экспертизаҳои судӣ пуштибонӣ менамояд. Маблағи хазина барои ҷорӣ намудани сохтори иттилооти электронии “E-ekspertiza”, ҷудо кардани субсидияҳо барои ташкилотҳои экспертизаи судӣ, ҷорӣ намудани намудҳои гуногуни экспертиза, мустаҳкам намудани базаи моддию техникии муассисаҳои давлатии экспертизаи судӣ ва ба такмили ихтисос ва гузаштани давраи омӯзишӣ ба кишварҳои хориҷӣ фиристодани даҳ нафар мутахассисони соҳа нигаронида хоҳанд шуд, – изҳор кард Ш. Рабиев.

Ногуфта намонад, ки бар асоси қарори ҳукумат зери рақами 206 аз соли 2017 дар тамоми вилоятҳо бахши минтақавии Маркази экспертизаи судӣ ва маркази омӯзишӣ ташкил карда шудаанд. Дар он ғайр аз кормандони экспертизаи давлатии судӣ, инчунин ходимони экспертизаи ғайридавлатӣ низ барои баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ ба омӯзиш ва такмили касб ҷалб карда мешаванд. То кунун 1 ҳазору 284 нафар экспертҳои судӣ донишу маҳорат ва малакаи худро такмил бахшиданд.

– Қарори Президент “Дар бораи чораҳои боз ҳам такомул бахшидани фаъолияти экспертҳои судӣ” аз 17 январи соли 2019 мусоидат намуд, ки бори нахуст дар мамлакатамон аз тарафи ташкилотҳои ғайридавлатӣ асосҳои ҳуқуқии ба амал баровардани фаъолияти экспертҳои судӣ офарида шавад. Баъди ин масъалаи ба тартиб даровардани фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатии экспертизаи судӣ муайян гардид,– мегӯяд Ш.Рабиев.

Таълифи 53 адад дастуруламалҳои услубӣ ва тавсияҳо барои беҳбуди фаъолияти экспертизаҳои судӣ хеле мусоидат менамоянд. Ҳамчунин, дар марказ як шуъбаи махсуси илмию тадқиқотӣ ифтитоҳ шуд. Ҳадафҳои асосии моро ҷилавгирӣ аз содир намудани ҷиноятҳо низ ташкил медиҳад. Бар ин асос мо ба ниҳодҳои интизомӣ, ки ба корҳои профилактикӣ машғуланд, 1 ҳазору 660 пешниҳодҳои худро ироа намудем.

Гуфта шуд, ки фаъолияти ин соҳаи басо муҳим ва аҳамиятнок бо роҳандозии сафарҳои матбуотӣ, ташкили нишастҳои хабарӣ ва медиатурҳо аз тариқи воситаҳои ахбори умум ва расонаҳои мустақил ба мардуми кишвар ва берун аз он ироа мегардад ва ин раванд минбаъд низ идома хоҳад кард.

**М. АҲРОРОВ.**


Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.

ISSN 2010-7757

Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-725. Адади нашр 5686, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.

1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 03.15

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.